«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
________________
“26” 08 соли 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович аз таҳлили илмӣ ва ҳалли масъалаи таъмин ва танзими омодагии насли наврасу ҷавон ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ сарчашма мегирад, яъне, ин таҳқиқот ба ташаккули қобилияти инсон барои қонеъ намудани талаботи чунин ҷомеа бахшида шудааст. Дараҷаи коркард ва истифодаи захираҳои муосир, ки воридсозии самараноки онҳо ба ҷараёни таълим метавонад сатҳи ташаккули маҳорату малакаи ҷавононро ҳангоми кор бо компютер ва воситаҳои интернетӣ таъмин намояд, ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ин нукта мубрамияти таҳқиқоти муҳаққиқи ҷавонро муайян месозад.

Ба андешаи муаллифи рисолаи мазкур, масъалаҳои дастгирии иттилоотӣ-компютерӣ ё тағйироти таҷрибавӣ ва таҳлилу ташкили масъалаҳои компютеркунонӣ мунтазам дар маркази диққати ҳукумати кишвар қарор доранд. Ин масъалаҳо баробари дигар самтҳои муҳим, бо асосҳои таърихии воридшавӣ ба асри XXI дар шароити тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоюли умумии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), муайян карда мешаванд.

Дар ин замина, таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, ҳалли масъалаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ, бахусус барои наврасону ҷавонон, бояд босуръат гардонида шавад ва омӯзиши таълимгирандагон дар ин самт тақвият дода шавад. Ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва малакаҳои ҳаётии донишҷӯён бидуни донистан

ва истифода бурдани ТИК, ки ба рушду инкишофи ҷомеаи кишвар мусоидат мекунад, ғайриимкон аст.

Ҳадафи таҳқиқотро муайянсозӣ ва аз ҷиҳати озмоишӣ асоснок намудани шароити педагогии ташаккул ва рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ташкил медиҳад, ки унвонҷӯй ба максади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил шудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- таҳлили мафҳумҳои «фарҳанг» ва «Интернет» ҳамчун падидаи фазои нави фарҳанги иттилоотӣ;
- шарҳи мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон»;
- муайян намудани меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, тавсифи сатҳи рушди фарҳанги интернетии ҷавонони дар муассисаҳо таълимгиранда;
- муайянсозӣ ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани шароити педагогии ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгиранда;
- тасдиқи самаранокии шароити педагогӣ барои ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгиранда;
- муайян кардани хусусиятҳои асосии Интернет дар муошурати фарҳангӣ.

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович аз он далолат мекунад, ки унвонҷӯ дар воқеъ аз уҳдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетиро таҳқиқ намудааст, вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таълимӣ дар робита ба истифодаи ТИК ошкор намуда, асоснокқунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани дараҷаи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ таъмин намудааст.

Дар диссертатсия хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ошкор карда шуда, меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии дарҷаи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ нишон дода шуда, ба таври муфассал шарҳу тафсил карда шудаанд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ дар заминаи муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 коркард ва пешниҳод шудааст.

Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок шудаанд.

Унвонҷӯ мақсади таҳқиқотро дар муайян ва коркарди илмии хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ дар асоси талаботи педагогӣ инъикос намудааст.

Барои анҷом додани ин пажӯҳиши илмӣ, ӯ масъалаҳои зеринро мавриди таҳлил қарор додааст:

- Муайян ва асоснок намудани аҳамияти масъала дар раванди таълим.
- Бо далелҳои дақиқ собит кардани хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ.
- Муайян намудани нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин раванд.
- Ошкор ва асоснок намудани хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.
- Ошкор намудани шароити иҷтимоӣ-иктисодӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва маънавии пайдоиш, ташаккул ва рушди воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ.
- Муайян ва таҳлил намудани мавқеи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ва нақши онҳо дар инкишофи афкори наврасону ҷавонон.
- Муайян намудани ақидаҳо, методҳо, воситаҳо ва усулҳои таъсирбахши рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ.

Унвонҷӯ дар ҳалли масъалаи мазкур ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш комёб шудааст.

Матни пешниҳодшуда бо риояи қоидаҳои имло ва услуби забони илмӣ ислоҳ карда шуд. Дар зер нусхаи такмилёфтаи он оварда мешавад:

Муҳимияти мавзӯъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки аз нигоҳи педагогӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) аз ҷониби насли наврасу ҷавони муассисаҳои таълимӣ онҳоро ба корбарони фаъол дар ҷустуҷӯи хидматҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар шабакаи Интернет табдил медиҳад. Фазои

интернетӣ як воситаи муассири мубодилаи коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки ба насли ҷавон имкон медиҳад, ки донишҳои худро дар соҳаҳои гуногун васеъ намуда, бо ҳамдигар муошират кунанд.

Инчунин, он дар омода сохтани шахс барои қабули масъулиятҳои бештар, мустақилият дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат нақши муҳим мебозад.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Дар рисолаи тақризшаванда барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия масъала ва вазифаҳо ба миён гузошта шудаанд. Асосҳои консептуалӣ, методӣ ва педагогии хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ таҳқиқ гардида, заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ дар таҳқиқоти олимон муайян карда шуданд.

Муаллиф фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда, чунин мешуморад, ки барои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ, равонӣ ва шавқу ҳаваси онҳо, инчунин роҳандозии барномаҳои таълимӣ бо роҳҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо стандарт зарур мебошанд.

Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии анҷомдодаи унвонҷӯй аз он шаҳодат медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

**Навгонӣ ва аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Навгонии рисола аз нуктаҳои зерин иборат аст, ки фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- консепсия ва ҷузъҳои "фарҳанги интернетии ҷавонон" бо назардошти гурӯҳҳои синну сол ва хусусиятҳои шахсӣ мушаххас карда шуданд. Ҳама унсурҳои асосӣ, аз қабили меъерҳои иттилоотӣ, тарзи ҳамкорӣ ва рафтори иттилоотиву иртиботӣ муайян ва асоснок карда шудаанд;
- меъёр ва нишондиҳандаҳои муҳим дар ин самт муайян карда шудаанд, аз ҷумла арзишу ангезаҳое, ки тавассути нишон додани ҳавасмандӣ ба фаъолияти иттилоотӣ, дарки арзиши амалҳои иттилоотӣ, фаъолсозии коммуникатсия, инчунин равишҳои арзишӣ ба ҳамкорӣ ва риояи принсипҳои амалияи бомуваффақияти иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳавасманд мекунад;
- стандарти таълимӣ таҳия шудааст, ки огоҳӣ дар бораи имкониятҳо ва сохтори амалҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин усулҳо ва

захираҳо барои ҳамкории дастаҷамъӣ, аз ҷумла меъерҳо ва қоидаҳои муқарраршуда дар соҳаи маълумот ва мубодилаи интернетро дар бар мегирад;

- меъёрҳое, ки ба равиши абзорӣ-фаъолиятӣ асос ефтааст, коркард ва самаранокии истифодаи он собит карда шудааст (донистани усулу восита ва принсипҳои фаъолияти иртиботӣ, мувофиқати фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботӣ ба меъерҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамкории бомуваффақияти иҷтимоӣ дар шабакаи Интернет);

- меъерҳои мутобиқшавӣ (паст), самаранокӣ (миёна), эҷодкорӣ (баланд) дар заминаи ташаккули фарҳанги интернетӣ дар насли ҷавони ба таълим машғулбуда таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

- барномаи модулии «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ» коркард ва ҷорӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он дар назария ва методологияи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ саҳми муайян мегузоранд. Таҳқиқот ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгирандаро ошкор менамояд; хусусиятҳои муҳим ва пурмазмуни мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити таълим»-ро ошкор мекунад; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои асоснокшуда, сатҳи фарҳанги ташаккулёфтаи интернетии ҷавонони таълимгирандаро, ки хусусиятҳои асосии фарҳанги Интернетро муайян мекунанд; маҷмуи шароити педагогӣ зикр карда шудааст, ки таваҷҷуҳро ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги интернетӣ дар байни хонандагон ва донишҷӯён муайян менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- амсилаи таҳияшудаи раванди ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ бо мақсади муносибгардонии ташаккули малакаҳои фаъолияти муассири иттилоотӣ ва иртиботии ҷавонон дар Интернет истифода бурда мешавад;

- истифодаи дастгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси меъёрҳо имкон медиҳад, ки сатҳи ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон назорат карда шавад;

- барномаи муаллифонаи модулии таълимии «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ», ки дар корҳои беруназаудиториявӣ амалӣ карда шудааст, ба баланд шудани сатҳи ташаккули фарҳанги интернетӣ мусоидат мекунад;

- хулосаҳо ва муқаррароти асосӣ, маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, маҷмуи саволномаҳо, тестҳо барои гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷониба ҷиҳати беҳтар кардани таълими Интернет дар муассисаҳо, коллеҷҳо, донишгоҳҳо истифода шаванд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи як қатор усулҳои мувофиқ ба мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷонибаи сифатӣ ва миқдории маълумоти эмпирикӣ, ки дар ҷараёни кори таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, истифодаи тести дутарафаи пирсон барои таҳлили маълумотҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи фарзияи таҳқиқотӣ тасдиқ карда мешавад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажӯҳиш, ки ба ҳадаф, мавзуъ, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ солҳои 2022-2023 баргузор гардида, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд. Инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андӯхташуда ба муаллифи таҳқиқот имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ тавсияҳо таҳия ва пешниҳод созад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баённамудаи унвонҷӯй боэътимод ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлил намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот қобили қайд мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилотии дигар имкони рушду афзоиши фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимиро муайян ва асоснок кард: бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи дурусти Интернетро дар таъмини муҳити таълимӣ ва самаранокии онро муқаррар намуд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо сохтори муттаҳидшудаи диссертатсия, ки дар шакли унсурҳои бо ҳам алоқаманд иҷро шудаанд,

тасдиқ гардида, дар соҳаи таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, таҳлилҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми назаррас гузошта метавонанд.

Дар муқаддимаи кори таҳқиқотӣ асосҳои назариявии мавзуи интихобшуда ошкор карда шуда, предмет, объект, ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот ба таври возеҳ муайян карда шудаанд. Аҳамияти амалӣ ва назариявӣ, инчунин навгониҳои кор нишон дода шудаанд. Заминаҳои методологӣ ва назариявӣ тавсиф шуда, ҷанбаҳои калидие оварда шудаанд, ки аҳамияти кор ва саҳми онро дар соҳаи дахлдори илм таъкид мекунанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** - «Заминаҳои назариявии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», дар асосу заминаҳои назариявии вобаста ба мавзуъ тавсияҳо пешниҳод шудааст.

**Дар фасли якуми боби мазкур** - «Ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» ҷанбаю хусусиятҳои иҷтимоӣ-педагогии масъала фарогир гирифта шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки асри XXI давраи технологияҳои олии компютерӣ мебошад. Ҷомеа ба марҳилаи муосири рушд ворид шудааст – ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки равандҳои иттилоотӣ ва иттилоот дар он яке аз ҷузъҳои муҳимтарини фаъолияти ҳаёти инсон ва ҷомеа мегарданд. Рушди раванди ҷаҳонӣ на фақат ба ташаккули муҳити нави иттилоотии мавҷудияти инсон оварда мерасонад, балки ҳамчунин барои тарзи ҳаёти солим ва фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад.

**Дар фасли дуюм** «Бархӯрдҳои назариявӣ нисбати таъйиноти мафҳуми «фарҳанги интернетӣ»-и ҷавонон дар таълифоту таҳқиқотҳои муосир» муаллиф бархӯрду муносибатҳои назариявиро вобаста ба фарҳанги интернетӣ дар асарҳои илмӣ баррасӣ ва тавсиф мекунад.

Таҳсилоти муосир бар он таъкид мекунад, ки фарҳанги интернет танҳо маҷмӯи аломатҳо ё платформаҳои рақамӣ набуда, балки ҳамкории мураккаби омилҳои иҷтимоӣ, эмотсионалӣ ва фарҳангӣ мебошад. Равандҳои таҳсилот, истироҳат ва ташаккули ҳувият, ки дар натиҷаи таъсири шабакаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, ба ҳам пайвастаанд. Муҳаққиқон зимни омӯзиши ин падида ба ҷанбаҳои мусбат, аз қабили имкониятҳои ифодаи худ, ва ба ҷанбаҳои манфӣ, аз қабили шаклҳои нави бегонагии иҷтимоӣ, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки фарҳанги интернетии ҷавонон як навъ оинаи замони муосир мегардад, ки ҳам дастовардҳо ва ҳам мушкилоти замони навро инъикос мекунад.

**Боби дуюми диссертатсия** - «Асоснокии таҷрибавию озмоишии самаранокии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни

истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» масъалаи асоснок намудани самаранокии фарҳанги ҷавононро дар асоси таҷрибаю озмоишҳо баррасӣ мекунад.

**Фасли якуми боби дуюми диссертатсия** - «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» баррасию тавсифи шароитҳои педагогии ташаккул ва рушди фарҳанги ҷавононро дар бар мегирад.

Ба андешаи муаллиф, фарҳанги интернет на танҳо ба ҷавонон таъсир мерасонад, балки фаҳмиши нави ҳувиятро ташаккул медиҳад ва аҳамияти тафаккури интиқодӣ ва инъикоси худро дар раванди азхудкунии дониш ва ғояҳои муосир таъкид мекунад. Ҳамин тариқ, омӯзиши ин раванд дар партави мушкилоти мубрами муҳити таълимӣ ва динамикаи иҷтимоӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар замони муосир илми педагогика аллакай бартарияти иҷтимоишавии наврасону ҷавононро тавассути тенологияи компютерӣ ва шабакаи интернетӣ собит сохтааст. Ташаккули фарҳанги интернет як раванди мураккабест, ки на танҳо мубодилаи иттилоот, балки эҷоди меъёрҳо ва қоидаҳои нави ҳамкориро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои коммуникатсионӣ дар ин ҷо нақши калидӣ доранд: платформаҳои муосир шаклҳои нави муоширатро пешниҳод мекунанд, ки форматҳои анъанавиро ба воқеияти рақамӣ мутобиқ мекунанд. Ин дар навбати худ ба тарзи дарк ва тафсири иттилоот таъсир мерасонад ва намуди беназири муошврати онлайнро ба вуҷуд меорад.

**Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия** «Ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» масъалаҳои ташкилии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ баррасӣ гардидааст.

Таҳлили назариявии мушкилоти ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ аҳамияти ин мавзуъ ва зарурати татбиқи ҷузъи таҷрибавии корро тасдиқ кардааст. Ин мушкилот дар педагогика ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва инчунин дар айни замон системаи дақиқи сохтории ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон дар институтҳои муосири таълимӣ вуҷуд надорад.

Дар асоси хулосаҳое, ки муаллиф дар ҷараёни таҳлили асосҳои назариявӣ ба даст овардааст, вазифаҳое таҳия карда шуданд, ки ба муайян кардани раванди ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон ва арзёбии сатҳи рушди он равона карда шудаанд.

Ба андешаи муаллиф барои ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба фазои фарҳангии дар воқеияти виртуалӣ ташаккулёфта шароит фароҳам

овардан ва муайян кардани он, ки ин таъсир ба ҳамкории иҷтимоӣ ва дастовардҳои таълимии онҳо чӣ гуна таъсир мерасонад, муҳим аст.

**Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия** «Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» баррасӣ ва тавсифи натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ мебошад.

Дар доираи таҳқиқоти озмоишӣ як қатор шароитҳои педагогӣ оид ба татбиқ ва ба ҷараёни таълими муассисаҳои таълимӣ ворид карда шудааст. Раванди ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон дар асоси амсилаи сохторӣ ва функсионалӣ; ҷорӣ кардани барномаи модулии «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ» дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар се марҳила тавсиф карда шуданд. Вазифаи воқеӣ дар ин марҳилаи кор ҷамъбаст кардан, таҳлил ва ба расмият даровардани натиҷаҳои кори озмоишии таҳқиқоти диссертатсионӣ аст, ки муаллиф тавонистааст пурра онро ҷамъбаст намояд.

Мақсади гузошташуда асосноккунӣ ва таҳияи шароит ва усулҳои педагогӣ, ки ба рушди фарҳанги интернетии ҷавонон мусоидат мекунанд, ба даст оварда шудааст.

Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқикот аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори таҳқиқоти диссертатсионӣ самаранокии худро собит сохтааст ва дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, бозгӯйи онанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои бадастомадаро дар амал барои ташаккули тарбияи ватадӯстии хонандагон мусоидат хоҳанд кард.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, пурра ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқикоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастоварда медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ, диссертатсия ва автореферати он аз баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо холӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муаллифи рисола оид ба технология ва барномаҳои компютерӣ маълумоти зиёдеро гирд оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон додааст, аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимии кишварро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор надодааст.
2. Дар рисола бештар иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони хориҷӣ оварда шудааст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки ба таҳқиқоти олимони ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид.
3. Унвонҷӯ аҳамияти амалии диссертатсияро барои муассисаҳои таълимӣ шарҳу тафсир додааст, вале тарзи татбиқи онҳоро дар амалияи таълим бо мисолҳои мушаххас нишон надодааст.
4. Сарфи назар аз мувофиқати умумии забони рисола ба меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои имлову аломатгузорӣ, дар матни рисола ва автореферат хатоҳои услубӣ ва норасоиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ба ягон ваҷҳ халалдор намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 14 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ аз 25-уми августи соли 2025, №10/8).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.А.

25.08. 2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС